Ҷин Гибсон

# МАРО ПАЙРАВӢ КУН

Нахустин қадамҳо

# Муқаддима

Дар дасти шумо дастури Китоби Муқаддас барои имондорони масеҳии ҷавон қарор дорад.

Шумо мехостед донед, ки ин чист.
Инро кӯтоҳ мефаҳмонем:

1. Дастури Китоби Муқаддас бар китоби хеле боаҳамият барои масеҳиён – Навиштаҳои Муқаддас асос ёфтааст. Ин дастур бояд ба масеҳиёни нав имоноварда дар шиносой бо Китоби Муқаддас ёрӣ расонад. Дар он баъзе мавзӯъҳои муҳими асосгузор бардошта мешаванд. Бо инҳо шинос шавед, инҳо барои шумо албатта шавқовар хоҳанд буд.

2. “Барои масеҳиёни навимон” – яъне мавод махсус барои касоне гулчин шудааст, ки чанде пеш ба имони масеҳӣ омадаанд. Азбаски тахмин дорем, ки шумо низ аз он ҷумла мебошед, пас ба муҳити ононе ки мехоҳанд бо Масеҳ зиндагӣ кунанд, шуморо хайрамақдам мегӯем. Аз худи аввал мо бароятон маслиҳат медиҳем, ки қатъиян Масеҳро пайравӣ кунед.

Боз якчанд маслиҳат пеш аз ин ки сар кунед:

1. Ҷойҳоеро, ки дар матн зикр шудаанд, аз Китоби Муқаддас хонед (ақаллан банди пурраашро).
2. Сипас ба саволҳое ки ба ин ҷойҳои Китоби Муқаддас алоқа доранд, ҷавоб диҳед.
3. Дар ҳолате ки якбора ҳамаашро нафаҳмидед, ноумед нашавед.
4. Беҳтар аст, ки шумо ин даврро бо имондори масеҳии ботаҷриба бо ҳам омӯзед. Дар ин ҳолат имкониятеро барои ҳамсӯҳбат шудан хоҳед дошт, то ки аз рӯи саволҳои зиёди беҷавоб сӯҳбат кунед. Ин боиси азхудкунии бештар хоҳад шуд. Бароятон маслиҳат медиҳем, ки ин корро иҷро кунед.

Ва акнун хушиҳои бисёр ва қаноатмандии даруниро ҳангоми мутолиаи ин даври курс барои шумо орзу медорем.

ДАРСИ 1

# Чӣ тавр фарзанди Худо метавон шуд

Соҳиби наҷот шуда, мо ба муносибатҳои нав бо Худо медароем. Тавре ки ҳангоми таваллуд мо аъзои оилаи заминии худ мешавем,öнчунон ҳангоми ёфтани таваллуди рӯҳониямон мо аъзои оилаи Худо мешавем. Баъд аз ин мо ҳақиқатан метавонем Худоро Падари худ номем.

1. Исо ба марди диндор чӣ гуфт? (Юҳанно 3:3)

Барои аз нав таваллуд додани кас Худо Каломи Худро (1Пет. 1:23) ва Рӯҳи Худро (Тит. 3:5) истифода мебарад. Ҳаворӣ Павлус ба имондорони Қӯринт ва Юнон хотиррасониро дар бораи он навиштааст, ки вай ба онҳо хабари наҷотро овардааст. Ин хабар Инҷил номида шудааст, ки маънояш Хабари Хуш (1Қӯр. 15:1-4) мебошад. Дар оятҳои 3 ва 4 мо дар бораи мазмунҳои асосии ин Хабари Хуш хоҳем фаҳмид.

2. Имони қӯринтиён дар чӣ буд ва барои наҷот ёфтан онҳо чиро қабул карда буданд? (1Қӯр. 15:3-4) Кӯшиш кунед, ки ҷавоби иборат аз се пунктро диҳед.

3. Одамизод пеши назари Худо дар кадом ҳолат қарор дорад? (Румиён 3:23)

4. Сазои гуноҳ чист ва чӣ тавр он метавонад ба амал оварда шавад? (Румиён 6:23; Ҳизқиёл 18:20)

5. Масеҳ барои халосии мо чӣ кор кард? (1Пет. 2:24)

6. Дар кори наҷоти мо корҳои нек чӣ вазифаеро иҷро мекунанд? (Эфс. 2:8-9)

Дар маркази Инҷил – шахсияти Худованд Исои Масеҳ қарор дорад. Ӯ мағзу маънии имони мост.

7. Исои Масеҳ кист? (Юҳанно 1:1, 14)

8. Барои фарзанди Худо шудан чӣ бояд кард? (Юҳанно 1:12)

9. Чӣ бояд имон ба Масеҳро ҳамроҳӣ кунад? (Аъмоли ҳаввориён 3:19)

10. Ба ҳар касе, ки Писари Худоро қабул карда бошад, чӣ хос аст? (1Юҳанно 5:12)

**Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:**

Кай шумо Инҷилро шунида ба он имон овардед ва ба ҳамин сурат бо Рӯҳи Муқаддас мӯҳр зада шудаед? (Эфсӯсиён 1:13)

__________________________________________________

__________________________________________________

Тавбаи шумо ва баъд иқрор кардани Исои Масеҳ ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд дар чӣ шакл зоҳир шуда буд?

__________________________________________________

__________________________________________________

Аз вақте ки Масеҳро қабул кардаед, дар зиндагии шумо чӣ ба таври қатъӣ иваз шуд?

__________________________________________________

__________________________________________________

**Аз ёд кунед:**

*Румиён10:9:* “Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт”.

## ДАРСИ 2
## Дилпурӣ аз наҷот

Дар ҳоле ки мо фарзандони Худоем, Падареро дорем, ки наметавонад дурӯғ гӯяд, зеро суханони Ӯ: “Каломи Ту ростист” (Юҳанно 17:17) ҷовидониянд. Азбаски дар ҳар сухане, ки Ӯ мегӯяд, моҳияташ намоён аст, мо метавонем комилан дилпур бошем, ки ҳар гапи Ӯ ростист.

1. Мо ба дониши ҳақиқат эҳтиёҷ дорем. Дар муҳокимаҳо ҳақиқатро бар асоси шаҳодатҳои шоҳидоне барқарор мекунанд, ки онҳо ба гуфтани ҳақиқат ӯҳдадор мешаванд.

   Кӣ дар бораи Писар шаҳодат медиҳад? (1Юҳанно 5:9)

   ___

   ___

   Дар куҷо дар бораи ин шаҳодат гуфта мешавад? (Юҳанно 5:39)

   ___

   ___

   Кадом ваъдае дар ин шаҳодат аст? (1Юҳанно 5:11)

   ___

   ___

Ин ҷойҳои Навиштаҳои Муқаддас ба мо исбот мекунанд, ки мо дар асоси Каломи ҳақиқии Худо (Китоби Муқаддас) аз наҷоти худамон дилпур шуда метавонем.

2. Бар ҳар касе ки дар бораи Исои Масеҳ шунида, ба Ӯ имон оварда бошад, се ваъда дода шудааст. Инҳо кадоманд? (Юҳанно 5:24)

   Ман аллакай чӣ дорам?

   ___

   ___

Бо ман чӣ  намешавад?

---

---

Ман акнун ба кучо гузаштам?

---

---

3. Масеҳ ҳама имондорони Худро “барраҳои ман” меномад. Ӯ онҳоро мешиносад. Онҳо овозашро шунида, Ӯро пайравӣ мекунанд. (Юҳанно 10:27-30)

   Худованд ба онҳо чӣ медиҳад?

---

---

   Бо онҳо чӣ намешавад?

---

---

   Кӣ онҳоро нигоҳ медорад?

---

---

Каломи Худо моро аз начотамон дилпур мекунад. Аммо дилпурии начот ёфтан ва аз доварии Худо сафед шудан бар чизи дигаре асос меёбад. Ин корҳои хуби мо нестанд, ва на дуоҳои мову на ғусли таъмид, балки кори начоти салиби Исо аст.

4. Мо бо чӣ аз гуноҳ фидя дода гирифта шудаем, чӣ моро аз доварии Худо наҷот медиҳад? (1Петрус 1:18-20)

___

___

5. Бо кадом воситаи ягонае бахшиши гуноҳҳо амалӣ мегардад? (Ибриён 9:22)

___

___

**Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:**

Чӣ тавр аз наҷоти худ дилпур бояд шуд?

___

___

Чӣ моро аз маҳкумияти ҷовидонӣ наҷот медиҳад?

___

___

Шумо дар масъалаи наҷот ёфтан ба чӣ такя менамоед?

___

___

**Азназаргузаронӣ:** Румиён 10:9

**Аз ёд кунед:**

*1Юҳанно 5:13:* "Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ доред".

ДАРСИ 3

# Ошкоро эътироф кардани Исои Масеҳ

Дар Навиштаҳои Муқаддас муносибатҳои мо бо Худованд Исо бисёр вақт ба ақди никоҳ монанд карда мешавад (Румиён 7:3,4; Эфсӯсиён 5:30-32). Одами росткору обрӯманд бо кӣ дар ақди никоҳ буданашро ҳаргиз пинҳон намекунад. Аз ин сабаб гуфтани ин ки мо бо Худованди аҷоиби худ ҷовидона пайваст ҳастем ба ҳар касе ки инро шуниданӣ бошад - вазифаи мост. Ба мо иҷозат дода шуд, то дар муносибатҳои наздик бо Шоҳи шоҳон ва Худованди Худовандон бошем! Мо ҳеҷ сабабе барои пинҳон доштани ин ҳақиқат надорем. Ва агар касе инро пинҳон мекард, ин Худовандро дашноми азим кардан мебуд.

1. Барои он ки Худованд дар осмонҳо моро эътироф кунад, ба мо чӣ кардан лозим аст? (Луқо 12:8-9)

___

___

2. Агар мо аз ӯ шарм дорем, ӯ бо мо чӣ гуна рафтор хоҳад кард? (Матто 10:32,33)

___

___

Худованд Исои Масеҳ ба имондорон мефармояд, ки алоқамандии худро бо ӯ ба воситаи иҷрои амали махсус, яъне ошкоро эътироф намудани Вай нишон диҳанд.

3. Вақте ки Худованд Исо шогирдонашро барои таблиғот фиристод, ӯ кадом ду супоришро ба онҳо фармуда буд? (Матто 28:19)

___

___

4. ҳавворӣ Петрус ба касоне ки ба Инҷил имон меоваранд, чӣ фармуд? (Аъмоли ҳаввориён 2:38-41)

___

___

5. Шарти зарурӣ барои гирифтани ғӯта чист? (Аъмоли ҳаввориён 16:30-33)

___

___

6. Имон ва ғӯта бо кадом тартиб пайи ҳамдигар меоянд? (Аъмоли ҳаввориён 8:12; 18:8)

---

---

7. ғӯта чӣ хел ба ҷо оварда мешавад? (Аъмоли ҳаввориён 8:38-39)

---

---

8. Мувофиқи Румиён 6:3-5 ғӯта маҳз рамзи чист?

---

---

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Кай ва дар куҷо шумо Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ ошкоро эътироф карда будед?

---

---

Кай шумо мувофиқи имон ғӯта гирифтаед?

---

---

ҳақиқат дар бораи он ки шумо бо Исои Худованд мурда, дубора зинда шудаед, дар зиндагии шумо, чун як шахсе ки мувофиқи имон ғӯтаи таъмид гирифтааст, чӣ гуна намоён мешавад?

---

---

Азназаргузарон**ӣ**: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13

Аз ёд кунед: Матто 28:19-20: “Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд;…”

# ДАРСИ 4
# Мулоқоти ҳаррӯза бо Худо

Хоҳиши мулоқот доштан бо Падаре, ки тамоми баракатҳои мо аз ӯст, ба фарзанди Худо табиист. ӯ сарчашмаи ҳар қувват ва ҳикмат аст. Агар мо Худовандро дӯст медорем, пас, албатта, дар ҷустуҷӯи мулоқот бо ӯ хоҳем буд. Ин мулоқот ба мо на дарди сар, балки дилхушӣ хоҳад буд (Забур 62:2).

Мо ҳаррӯза эҳтиёҷ дорем, ки бо Ӯ мулоқот кунем, пас фоиданок аст, ки вақти муайяни рӯзро ба унвони "Вақти оромӣ" барои мушоракати наздик бо Ӯ таъин намоем. Он иборат аст аз дуо ва хониши Каломи Худо. Барои имондорони ҳамаи асрҳо ин қисми таркибии ҷудонашавандаи зиндагияшон дар мушоракат бо Худо буд ва мебошад.

Мардони бузурги Аҳди қадим, мисли Иброҳим, қурбонгоҳ – ҷои муқаддасро барои саҷда кардан ба Худо (ҳастӣ 12:7; 13:4) барпо мекарданд. Мулоқот бо Худоро метавон ба барпо кардани қурбонгоҳи рӯҳонӣ монанд кард. Барои ин лозим аст:

- вақтеро барои мулоқоти ҳаррӯза бо Худо ҷудо кунем,
- ҷои оромеро барои ин дошта бошем,
- нақшаеро барои хондани Китоби Муқаддас тартиб диҳем,
- мақсади итоат кардан ба Масеҳро пеши худ гузорем.

1. Мардони Худо дар чӣ қисме аз шабонарӯз дар ҷустуҷӯи мулоқот бо Худо буданд? (Ишаъё 50:4)

______________________________________________

______________________________________________

2. Худованд Исо барои мулоқот бо Худо-Падар ба куҷо дур мешуд? (Марқус 1:35)

______________________________________________

______________________________________________

Маънои "Вақти оромӣ" ин аст, ки барои дуо ва диққат додан ба он чи Каломи ӯ хоҳад гуфт, танҳо монем. Ва акнун дар бораи тарзи хондани Навиштаҳои Муқаддас андешаронӣ мекунем:

3. Пеш аз хондани Каломи Худо дар дуо аз ӯ чӣ пурсидан лозим аст? (Забур 118:18)

4. Мо ба Каломи ӯ бояд чӣ амали ҷавобӣ нишон диҳем? (Забур 118:34,97)

5. Каломи Худо дар мо чӣ амалеро бояд иҷро намояд?
Забур 118:11

Забур 118:50

Забур 118:105

6. Худо барои чӣ Каломашро ба мо дод? Чор мақсадро ном баред. (2Тимотиюс 3:16)

7. Чӣ тавр - дар зиндагӣ ва дар корҳои доимӣ – ба мақсаде ки Худо гузоштааст, метавон расид? (Еҳушаъ 1:8)

8. Чӣ сабаб шуд, ки шогирдон аз Худованд илтимос карданд, то ин ки дуоро барояшон ёд диҳад? (Луқо 11:1)

9. Ақаллан яке аз дархостҳои ҳангоми дуоро номбар кунед, ки на эҳтиёҷоти шахсии шуморо ифода мекунад, балки бештар мувофиқи намунае будан метавонад, ки Исо ба шогирдони Худ гузоштааст (Луқо 11:2-4).

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Дар кадом қисми рӯз шумо қарор намудед, ки пеши Худованд истода, бо ӯ мулоқот кунед ва Каломашро хонед? Чанд вақтро ҳар рӯз барои ин кор ҷудо кардан мехоҳед?

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

Чӣ нақшаеро барои хондани Калом муайян кардаед? (Маслиҳати мо ин аст, ки аз Инҷили Юҳанно ва Марқус сар кунед, бо номаҳои Павлус, Петрус ва Юҳанно идома диҳед, баъд Забур ва Масалҳо, ва фақат баъд аз инҳо ҳастиро, ки асоситарин Китоби аҳди қадим аст, хонед. Ба худ мақсад гузоред, ки тамоми Китоби Муқаддасро хонда бароед, аммо кӯшиш кунед, ки аввал ба Аҳди Ҷадид сарфаҳм равед).

Азназаргузаронӣ: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19

**Аз ёд кунед:** *Еҳушаъ ибни Нун 1:8:* "Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб биомӯз, то бо риояти ҳар он чи дар он навишта шудааст, амал намоӣ, зеро он гоҳ дар роҳҳои худ комёб гардида, муваффақият ба даст хоҳӣ овард".

## ДАРСИ 5
## Мактаби дуо

Бачаҳо ба боварии падару модар эҳтиёҷ доранд, онҳо бояд дилпур бошанд, ки метавонанд бо онҳо рӯйрост гап зананд. Вақте ки Падари осмонии мо моро даъват мекунад, то ба тахти файз бо дили соф (Ибриён 10:22) ва бо имони комил (Ибриён 4:16) наздик оем, Ӯ ҳамин гуна имконияро ба фарзандони Худ медиҳад. Дар вақти фикррони оид ба ин мавзӯъ саволҳои зерин ба миён меоянд:

1. Оё аз дуоҳо ягон фоидае ҳаст? (Яъқуб 5:16)

________________________________________

________________________________________

2. Исои Худованд дар ин бора чӣ мегӯяд? Ваъдаҳоро номбар кунед. (Матто 7:7-8)

________________________________________

________________________________________

3. Оё барои дуои ҳақиқӣ шартҳои муайян лозиманд?

Юҳанно 14:14

________________________________________

________________________________________

Матто 21:22; Яъқуб 1:6-7

________________________________________

________________________________________

Забур 65:18

________________________________________

________________________________________

1Юҳанно 5:14

4. Дуо бояд инҳоро дар бар гирад: васфи (таъриф) Худо, шукргузорӣ, эътирофи гуноҳҳо, шафоат барои дигарон, ва ниҳоят, дархост барои эҳтиёҷоти шахсии худ. Нависед, ки дар оёти зерин дар бораи кадоме аз дуоҳои номбаршуда гуфта мешавад:

Забур 99:4

1Юҳанно 1:9

Эфсӯсиён 6:18; 1Тимотиюс 2:1

5. Самуил ба дуоҳо барои дигарон чӣ аҳамияте медод? (1Подшоҳон 12:23)

6. Худо на ҳамеша зуд ва ошкоро ба дуоҳо ҷавоб медиҳад. Бар асоси порчаҳои зерини Китоби Муқаддас дар бораи тарзи ҷавоб додани Худо ба дуоҳо чӣ хулосае метавон баровард?

Юҳанно 11:3, 6, 14-15, 43-44

2Қӯринтиён 12:7-9

Луқо 9:52-55

7. Ҳангоме ки ғамҳо моро фаро мегиранд, чӣ тавр бояд рафтор кунем? (Филиппиён 4:6-7)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

8. Чӣ тавр Худо эҳтиёҷоти моро қонеъ месозад? (Филиппиён 4:19)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

Вақте ки шумо ба номи Исои Масеҳ дуоҳои худро баланд мебардоред, чӣ шуморо дилпур месозад аз ин ки Ӯ дуоҳои шуморо шунида, бароятон ҷавоб хоҳад дод?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Оё шумо вақти муайянеро барои дуо ҷудо кардаед? Ин кадом вақт аст?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Оё шумо метавонед ҷавоби муайянеро, ки дар вақтҳои охир ба дуои худ гирифтаед, номбар кунед?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

**Азназаргузаронӣ:** Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8

**Аз ёд кунед:** *Матто 7:7:* “Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд; биҷӯед, хоҳед ёфт; дарро бикӯбед, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд”.

# ДАРСИ 6
## Зиндагии ғолибонаи масеҳӣ

Хушии азимест барои мо дар ин, ки Ӯ моро фарзандони Худ гардондааст (1Юҳанно 3:1). Ӯ моро махлуқи нав кардааст: “акнун ҳама чиз нав шудааст” (2Қӯринтиён 5:17). Исо Худашро ба марг супурд, то ки моро аз гуноҳонамон наҷот диҳад (Матто 1:21), ва барои ҳамин мо бояд тарзи зиндагии гуноҳолудро тарк намоем (1Юҳанно 3:9)! ӯ моро барои зиндагии нав дигаргун кард ва ғамашро хӯрд, то ки ин барои мо имконпазир шавад. Имондор аз Худованд қувват меёбад (2Таслӯникиён 3:3).

1. Чӣ сарчашмаи қуввати зиндагии нав мебошад? (Румиён 8:11)

___

___

2. Мо чӣ карда метавонем, то ки Худо бе мамонofficeият дар мо амал карда тавонад? (Румиён 6:13)

___

___

3. Сарчашмаи нашъунамои рӯҳонии мо дар куҷост? (1Петрус 2:2; 1:25)

___

___

4. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Ирмиё Каломи Худоро “хӯрд” (Ирмиё 15:16). Ин барои мо чӣ аҳамияте дорад?

___

___

Каломи Худо ба мо дар бораи се душмане, ки бар зиндагии нави мо зиддият мекунанд, маълумот медиҳад:

- шайтон (1Петрус 5:8),
- ҷамъят, ҳамчун сохте ки бар зидди Худо нигаронида шудааст (1Юҳанно 2:15-16),
- ҷисми пургуноҳи мо (Яъқуб 1:14)

Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо бо пирӯзии пуршукӯҳаш бар рӯи салиб ҳар яки аз ин се душманро мағлуб кард:

- ӯ ин ҷаҳонро мағлуб кард (Юҳанно 16:33),
- ӯ шайтон – ҳамонро, ки дар зиндагии мо ҳукмрон шуда буд, сарнагун кард (Ибриён 2:14),
- ӯ қуввати гуноҳро бар мо нобуд кард (Румиён 6:6).

5. Оятҳои дар боло зикршударо дар Навиштаҳо хонда бароед. Чӣ тавр шумо инҳоро дар зиндагии худ истифода мебаред?

________________________________________

________________________________________

Ба шикасти душманони мо нигоҳ накарда, мо баъзан бо онҳо рӯ ба рӯ мешавем. Каломи Худоро пайравӣ карда, мо бо онҳо бояд чӣ тавр рафтор кунем?

6. 1Юҳанно 2:15

________________________________________

________________________________________

7. Яъқуб 4:7

________________________________________

________________________________________

8. Румиён 13:14

________________________________________

________________________________________

Вақте ки Исо барои мо бар рӯи салиб мурд, мо низ дар назари Худо бо ӯ мурда будем (Қӯлассиён 3:3). Вақте ки ӯ аз мурдагон зинда шуд, мо низ бо ӯ зинда шудем (Қӯлассиён 3:1). Худо ҳамеша ба имондор дар ягонагӣ бо Масеҳ нигоҳ мекунад ва аз ин сабаб моро дар ӯ қабул мекунад (Эфсӯсиён 1:6-7).

9. Барои ҳар имондор, мувофиқи 1Қӯринтиён 6:11, чӣ аҳамияти асосӣ дорад? Худо моро низ чунин қабул мекунад, ҳамин тавр не?

________________________________________

________________________________________

Ба саволҳои зерин **ҷ**авоб диҳед:

қуввати Худо аз кадом сарчашмаҳо ба мо меояд?

_______________________________________________

_______________________________________________

Худо на фақат заминаҳои зиндагии навро муҳайё сохт, ӯ ба мо инчунин ёрӣ медиҳад, ки зиндагии ғолибонаеро ба сар барем. Чӣ тавр ӯ инро анҷом медиҳад?

_______________________________________________

_______________________________________________

Чӣ тавр шумо, дар сурате ки ҳоло фарзанди Худо шудаед, метавонед дилпур бошед, ки Масеҳ шуморо қабул кардааст?

_______________________________________________

_______________________________________________

Чӣ тавр шумо метавонед барои ин ғамхории аҷоиб ба Худо ташаккур изҳор намоед?

_______________________________________________

_______________________________________________

Азназаргузаронӣ: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7

Аз ёд кунед: 1*қӯ*ринтиён 10:13: "Озмоише ки бар сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши оддии инсонӣ чизи дигаре нест; ва Худо амин аст, ва ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед".

# ДАРСИ 7
# Мушоракати доимӣ бо Падар

Худо моро даъват намудааст, ки дар давоми тамоми зиндагиямон бо Ӯ мушоракати наздик дошта бошем. Дар ҳикмати беохири Худ Ӯ медонад, ки мо баъзе вақт афтида метавонем. Дар таърихи умумии замин танҳо як Одами бегуноҳ рӯи он қадам зада буд – Худованд Исои Масеҳ. Ҳамаи одамони дигар, ҳатто бовафотарин мардони Худо ба ин ё он тарз гуноҳкор буданд. Мо ҳам истисно нестем.

1. Худо чиро фиреб меномад? (1Юҳанно 1:8,10)

________________________________________

________________________________________

Худо тарзи дубора барқарор кардани мушоракатро пешбинӣ намуд. Аммо мо бояд дар хотир дорем, ки мушоракат айнан муносибат нест: мо ба Ӯ имон оварда, ба оилаи Худо таваллуд шудаем (1Юҳанно 5:1; 11-13), яъне ҳангоме ки гуноҳ мекунем, Худо моро аз оилааш хориҷ намекунад; аммо гуноҳ мушоракати наздики мо бо Худоро мешиканад. Мо бояд бисёр ҳушёр бошем, ва ин гуна вазъиятро фавран бартараф намоем. Дар ин сурат мо чӣ карда метавонем? Аввалан, ноумед нашавед. Худо фарзанди роҳгумзадаро қабул кардан мехоҳад. Пас мо чӣ тавр бояд кунем? Худро бояд санҷид, оё мо ҳақиқатан ба воситаи Исои Масеҳ ба оилаи Худо таваллуд ёфтаем ё не.

2. Аломатҳои он ки шумо, мумкин, аз нав таваллуд наёфтаед, чӣ гунаанд? Ба 1Юҳанно 3:9 эътибор диҳед.

________________________________________

________________________________________

3. Бори дигар ҷавобҳои худ ба саволҳои 1 ва 2-ро фикр карда бароед. Дар ҳар оят бар чӣ таъкид шудааст? (Чӣ дар зиндагии имондори аз нав таваллудёфта дуруст аст? Дар зиндагии чунин шахс чӣ чиз ғайриимкон аст?) Фарқи байни ин ду оят дар чист?

________________________________________

________________________________________

4. Фарзанди Худо дар бораи чӣ аз таҳти дил дуо хоҳад кард? (Забур 118:33-34). Барои чӣ?

___

___

5. Кӣ дар назари Худо муваффақ нахоҳад шуд? Кадом ду шартеро барои дарёфти марҳамати (раҳми) ӯ иҷро бояд кард? (Масалҳо 28:13)

___

___

6. 1Юҳанно 1:9-ро хонда бароед – Имондор бояд чӣ тавр рафтор кунад ва ваъдаи Худо чӣ гуна аст?

___

___

7. Бахшоиши Худо дар чӣ асос ёфтааст? (Эфсӯсиён 1:7; Ваҳй 1:5; Ибриён 9:22)

___

___

Инак, ваъдаи Худоро ҷиддӣ бояд қабул кард ва дар бахшоиши ӯ шубҳа набояд кард. Вале ба гуноҳ бо сабукӣ муносибат накунед. Гуноҳ харобиовар аст, ва нархе ки барои он пардохта (дода) шудааст, бузург аст – марги Писари Худо.

8. Одами наҷотёфта чӣ тавр рафтор мекунад? (2Тимотиюс 2:19)

___

___

9. Фикри асосии 2Қӯринтиён 6:14-17 дар чист? Агар мо ин фармонро мешиканем, хатари он дар чист?

___

___

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Худо дар сурати афтидани имондор чиро пешбинӣ кард?

Чӣ тавр баъд аз гуноҳ кардан мушоракати наздик бо Худоро дубора барқарор кардан мумкин?

Чӣ бояд кард, то ки мушоракат бо Худо вайрон нашавад?

Азназаргузаронӣ: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7; 1Қӯринтиён 10:13

Аз ёд кунед: Масалҳо 28:13: "Касе ки ҷиноятҳои худро пинҳон дорад, муваффақият намеёбад; вале касе ки иқрор шавад ва онҳоро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад".

ДАРСИ 8

# Итоат ба Худованд

Ваќте ки мо ба хабари Инљил бовар кардем, мо Исои Масеҳро чун Худованд ва Наљотдиҳандаи худ ќабул кардем. Мо дар ҳузури дигарон Худованд будани ӯро эътироф кардем (Румиён 10:9) ва мисли шогирдонаш, мо низ ӯро Худованди худ меномем. Дар дуоҳои худ низ ӯро чунон меномем. Ин хеле муҳим аст, чунки нашъунамои рӯҳонӣ ва баракатҳои осмонии мо ба ин вобаста аст.

1. Исои Масеҳ Кист? (Аъмоли ҳаввориён 10:36) Оё ӯ аз ягон касе дар осмон ва ё бар замин хурдтар аст? (Ваҳй 17:14)

___

___

2. Тумо Исоро чӣ тавр номид? (Юҳанно 20:28) Ин дар амали ҳаётамон чӣ маънӣ дорад?

___

___

3. ҳар яки мо барваќттар ё дертар, ва баъзеҳо бошанд дар дӯзах, чӣ кор хоҳем кард? (Филиппиён 2:10-11)

___

___

4. Исо чиро рад мекунад? (Луќо 6:46) Хато аз чӣ иборат аст?

___

___

5. Мо, ҳамчун масеҳиён, мегӯем, ки Исоро дӯст медорем. Худи Исо дар ин бора чӣ мегӯяд? (Юҳанно 14:15) Оё шумо инро дар зиндагии худ пайравӣ менамоед?

___

___

6. Акнун мо бояд барои кӣ зиндагӣ кунем ва чаро? (2ќӯринтиён 5:15)

___

___

7. Дар Румиён 12:1 ҳаввориӣ дар бораи чӣ имондоронро зорӣ менамояд? Шумо чӣ тавр аз ӯҳдаи он мебароед?

___

___

8. Агар мо худро ба Худованд супорем, дар зиндагиямон чӣ намоён хоҳад шуд? (Румиён 12:2)

___

___

Ба саволҳои зерин **ҷ**авоб диҳед:

Кай Исои Масеҳ Худованд ва Соҳиби зиндагии шумо шуд?

___

___

Дар зиндагии ҳаррӯзаи шумо итоат ба ӯ то чӣ андоза намоён мегардад?

___

___

То чӣ андоза рафтори шумо, муносибататон бо вақт, бо пул ва истифода аз истеъдодҳоятон он чиро, ки шумо мегӯед, исбот мекунад?

___

___

Азназаргузаронӣ: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7; 1қӯринтиён 10:13; Масалҳо 28:13

Аз ёд кунед: Луқо 6:46: “Чаро Маро “Худовандо, Худовандо!” мегӯед, вале он чиро, ки Ман мегӯям, ба ҷо намеоваред?”

# ДАРСИ 9
# Мушоракат бо фарзандони Худо

Вақте ки касе ба Худованд Исо муроҷиат мекунад, Худо ӯро на фақат ба Худ, балки ба дигар имондорон низ наздик мекунад. Бар калимаҳои “якҷоя” ва “якдилона” дар Аъмоли ҳаввориён 2:44,46 диққат диҳед. Мо ба мушоракат бо ҳамдигар эҳтиёҷ дорем, тавре ки ба Худованд эҳтиёҷмандем. Ҳамчун оилаи Худо мо вуҷуди (организми) рӯҳониеро ташкил медиҳем. Мо узвҳои Бадани Масеҳ мебошем (1Қӯринтиён 12:27). Ин ба ҳамаи имондорон дар рӯи замин дахл дорад. Амалан ин дар ҷамоати маҳаллӣ иҷро мешавад ва намоён мегардад.

1. Баъд аз имон оварда, ғӯта гирифтани касе, кай вай ба ҷамоат дохил мешавад? (Аъмоли ҳаввориён 2:41). Ба гумони шумо чаро?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2. Масеҳиёни аввалин ҳангоми бо ҳам ҷамъ шудан чӣ мекарданд? (Аъмоли ҳаввориён 2:42)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

3. Имондорон дар кадом рӯз ҷамъ мешуданд ва дар маҷлисҳои худ чӣ мекарданд? (Аъмоли ҳаввориён 20:7)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

4. Имондоронро ҳамчун ҷамоат “екклесиа” меномиданд (дар тарҷума: ҷамоат, аҳли маҷлис ё калисо), яъне “даъватшудагон”. Инҳо дар кадом маънӣ даъватшуда ё интихобшуда ҳастанд? (1Петрус 2:9)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

5. Ҷамоат бисёр вақт бо номи шаҳре ки дар он буд, номида мешуд. Масалан, 1Таслӯникиён 1:1-ро хонед ва нависед, ки ҷамоате ки Павлус ба он муроҷиат мекард, чӣ ном дошт?

6. Якчанд ҷамоатҳои маҳаллӣ бисёр вақт ба номи маҳаллае ки дар он қарор доштанд, ёд мешуданд. Инҳо дар Нома ба ғалотиён чӣ тавр номида шудаанд? (ғалотиён 1:22).

7. Сари ҷамоат кист? (Эфсӯсиён 5:23)

8. Бародарони роҳбарикунанда чӣ тавр номида шудаанд? (Аъмоли ҳаввориён 20:17 ва Титус 1:5)

9. Аъзоёни ҷамоат ба бародарони роҳбарикунанда бояд чӣ тавр муносибат кунанд? (Ибриён 13:17). Роҳбарони ҷамоат чӣ ҷавобгарие доранд?

10. Ба имондорон дар Ибриён 10:25 чӣ огоҳие дода шудааст? Барои чӣ он лозим аст?

Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Кай шумо ба Худованд руҷӯъ карда ва ғӯтаи таъмид ёфта, ба ҷамоати маҳаллӣ пайвастед?

Чӣ меҳнати амалиеро шумо дар ҷамоат мекунед?

Барои бештар меҳнат кардани шумо чӣ лозим аст?

Азназаргузаронӣ: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7; 1қӯринтиён 10:13; Масалҳо 28:13, Луқо 6:46

Аз ёд кунед: Аъмол 2:42: "Ва онҳо ба шунидани таълими ҳавворием, ба мушоракати онҳо, бо шикастани нон ва бо дуо машғул буданд".

# ДАРСИ 10
# Чӣ гуна роҳи ҳаёти абадиро ба дигарон нишон бояд дод

Шумо аллакай чанд вақт пайрави Масеҳ ҳастед. Бароятон маълум аст, ки шумо яке аз он мардумони камшумори рӯи заминед, ки ҳаёти ҷовидониро ёфта, дар роҳ ба осмонҳо мебошед. Аксари мардум, баръакс, дар роҳи васеъ ба сӯи ҳалокат қарор доранд (Матто 7:13-14). Шумо наметавонед ба қисмати онҳо бетараф монед. Худованд Исо моро даъват кардааст, ки дар ин дунё шоҳидони ӯ бошем (Аъмоли ҳаввориён 1:8). Шоҳид метавонад ба дигарон гӯяд, ки Масеҳ дар зиндагияш чӣ кард ва чӣ тавр ӯ Худованд ва Наҷотдиҳандаи вай шуд. Оё шумо медонед, чӣ тавр дуруст роҳи осмонҳоро ба дигарон нишон бояд дод?

Саволҳову ҷойҳои Навиштаҳо, ки дар зер оварда мешаванд, ба шумо нишон медиҳанд, ки чӣ тавр дуруст ба дигарон роҳи наҷотро фаҳмонда метавонед ва чӣ гуна дар бораи Хабари Хуш ба мардум нақл кардан мумкин аст.

Масъала:

ҳар одам гуноҳгори ҳалокшуда мебошад, валекин бисёр вақт ӯ инро намефаҳмад. Вазифаи мост, то барояш ёрӣ диҳем, ки ӯ зарурати наҷотро дарк кунад.

1. Кӣ гуноҳкор аст ва чӣ тавр шумо гуноҳро шарҳ медиҳед? (Румиён 3:23; Ишаъё 53:6)

________________________________________________________________

________________________________________________________________

2. Ҷазои илоҳӣ барои гуноҳ чист? (Румиён 6:23)

________________________________________________________________

________________________________________________________________

3. Марги ҷисмонӣ – ҷудо шудани ҷон аз бадан аст. Марги рӯҳонӣ ё дуввум – ҷудо шудани ҷон аз Худост (Ваҳй 20:11-15). Дар Навиштаҳо (мувофиқи ояти 12) сухан дар бораи чист? Марги дуввум чист?

________________________________________________________________

________________________________________________________________

ҳалли масъала:

Бисёр вақт мардуме ки худро масеҳӣ меноманд, намедонанд чӣ тавр бар саволи "Исо бар рӯи салиб барои чӣ мурд?" ҷавоби қаноатмандона диҳанд. ҳатто агар онҳо дар ҷавоб гӯянд: "ӯ барои гуноҳони мо мурдааст",–имкон дорад, ки онҳо аҳамияти гуфтагиашонро нафаҳманд. Барои ҳамин мо боз ба силсилаи саволҳое муроҷиат менамоем, ки ба мо ёрӣ хоҳанд дод, то ба асли масъала чуқуртар равем:

4. Худо барои наҷоти одамизод чиро тайёр кардааст? (Румиён 1:16)

______________________________________________

______________________________________________

5. Се ҳақиқати муҳиме, ки дар ин оёт ҳастанд, кадоманд? (1қӯринтиён 15:3-4)

______________________________________________

______________________________________________

6. Асли Инҷил чист? (1қӯринтиён 1:18)

______________________________________________

______________________________________________

7. 1Петрус 2:24-ро бо диққат хонед.

Кӣ гуноҳҳоро бардошт?

______________________________________________

ӯ гуноҳҳои киро бар Худ гирифт?

______________________________________________

Ду оқибати раҳо шудан кадоманд?

______________________________________________

8. Аз китоби Ишаъё 53:4-5 ибораҳоеро, ки ҷавоберо бар саволҳои гузошта ташкил медиҳанд, навишта гиред.

Кӣ Исоро барои гуноҳҳои мо зарба дод?

______________________________________________

______________________________________________

Чӣ алоқаест байни ин хақиқатҳо ва Эфсӯсиён 2:8-9?

______________________________________________

______________________________________________

Эзоҳ:
Аксаран то касе нафаҳмад, ки дар роҳи ҳалокат равон аст, барояш роҳи наҷотро набояд нишон дод.

Бештар бояд аз Исои Худованд дар дуо пурсид, то эҳтиёҷоти рӯҳонии шахси ҳамсӯҳбататонро бароятон кушояд. Вазифаи шумо он аст, ки дар бораи Инҷил ба қадри имконияти қабули ҳамсӯҳбататон маълумот диҳед. Худованд Исо маҳз ҳамин тавр мекард.

Бар саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

Оё шумо зиндагии имондори ҳақиқиро ба сар мебаред, ё ин ки дурӯягӣ ба зиндагиятон рахна зад? Оё шумо барои сӯҳбати инҷилшиносонӣ бо дигарон кӯшишу ғайрат зоҳир мекунед?

________________________________________

________________________________________

Кадом оятҳои Китоби Муқаддасро медонед, то аз инҳо дар сӯҳбати инҷилшиносонии худ истифода баред?

________________________________________

________________________________________

Азназаргузаронӣ: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7; 1қӯринтиён 10:13; Масалҳо 28:13, Луқо 6:46, Аъмоли ҳавворием 2:42

Аз ёд кунед: 1Юҳанно 5:12: "Касе ки Писарро дорад, ҳаёт дорад, касе ки Писари Худоро надорад, ҳаёт надорад ".

ДАРСИ 11

# Зиндагӣ таҳти роҳбарии Рӯҳи Муқаддас

Агар мо ҳар рӯз дар итоат ба Масеҳ, ҳамчун ба Худованди мо, зиндагӣ мекунем, он гоҳ мо хости муқаддасашро ба ҷо меоварем (Луқо 6:46). Итоат муҳаббатамонро исбот мекунад (Юҳанно 14:15). Агар мо ба фармони Ӯ ҳастем, хоҳем фаҳмид, ки Ӯ моро дӯст медорад ва беҳтаринеро барои мо хоҳон аст (Юҳанно 14:21, 23). Вале барои танҳо барои Худо ва на барои худ зистан ҷидду ҷаҳди фавқулинсонӣ лозим аст. Худо ин қувватро бароямон медиҳад. Мо бе Ӯ чизе кардан наметавонем (Юҳанно 15:5). Ӯ ҳамаашро дар назар гирифт, то ки мо зиндагии ғолибона ва пурсамареро ба сар бурдан тавонем.

1. Он Пуштибоне, ки Исо ваъдааш карда буд, Кист? (Юҳанно 14:16-17)

_______________________________________________

_______________________________________________

2. Кай ва чӣ тавр аз Рӯҳи Муқаддас пур мешаванд? (Эфсӯсиён 1:13)

_______________________________________________

_______________________________________________

3. Ӯ дар куҷо зиндагӣ мекунад? (Румиён 8:11) Чӣ тавр Ӯ дар мо амал мекунад?

_______________________________________________

_______________________________________________

4. Оё мумкин аст, ки одам имондор буда, Рӯҳи Муқаддас надошта бошад? Навиштаҳо дар ин бора чӣ мегӯянд? (Румиён 8:9,11).

_______________________________________________

_______________________________________________

5. Ин барои ҳар имондор чӣ аҳамият дорад? (1Қӯринтиён 6:19). Ин дар рафтори мо чӣ гуна таъсир бояд гузорад?

_______________________________________________

_______________________________________________

6. Ба инҳое ки маъбади Рӯҳи Муқаддас мебошанд, чӣ огоҳии махсусе дода шудааст? (1Қӯринтиён 6:18) Чӣ тавр метавон бар ҳавасҳои ҷисм ғолиб шуд? (Ғалотиён 5:16)

___

___

7. Ба мо, ҳамчун ба масеҳиён, дар Эфсӯсуён 5:18 чӣ фармоне дода шудааст?

___

___

8. Машруботи спиртӣ бар инсон чӣ таъсире мерасонад? Бар хилофи ин, Рӯҳи Муқаддас бар зиндагии ҳар имондоре, ки аз Ӯ пур мешавад (мувофиқи Эфсӯсиён 5:18-19), чӣ таъсире мерасонад?

___

___

9. Имондор ба Рӯҳи Муқаддас чӣ кардан метавонад? (Эфсӯсиён 4:30) Оё метавонед аз зиндагии худ мисол оваред?

___

___

10. Дар Ғалотиён 5:22-23 самараҳои (меваҳои) Рӯҳи Муқаддас номбар шудаанд. Инҳоро нависед. Инҳо хеле муҳиманд, чунки Худо инҳоро дар зиндагии мо дидан мехоҳад.

___

___

**Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:**

Шумо ба чӣ андоза аллакай ин қувваи азими рӯҳониро таҷриба кардаед?

___

___

Таъсири Рӯҳи Муқаддас дар зиндагии шумо чӣ тавр амалӣ мегардад?

___

___

Чӣ монеъ мешавад, ки Рӯҳи Муқаддас бе маҳдудият дар зиндагии шумо амал кунад? (Одатҳои бад, худхоҳӣ, нахостани бахшидани кас ва ғайра)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Азназаргузарон**ӣ**: Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7; 1қӯринтиён 10:13; Масалҳо 28:13, Луқо 6:46, Аъмоли ҳаввориён 2:42; 1Юҳанно 5:12

Аз ёд кунед: Румиён 8:9: "Лекин шумо на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунед, агар ҳақиқатан Рӯҳи Масеҳ дар шумо сокин бошад. Аммо агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они ӯ нест".

## ДАРСИ 12
## Ба ҷо овардани хости Худо

Падару модари бофаҳм мехоҳанд, ки фарзандонашонро ба роҳи ҳақиқат равона кунанд. Онҳо фарзандонашонро дӯст медоранд ва барои ҳамин ба онҳо ёрӣ додан мехоҳанд. Вобаста ба фарзандон аст, ки оё онҳо насиҳатро қабул карда, пайравӣ хоҳанд кард ё не. Дар ин сурат ҳама аъзоёни хона ғолиб мешаванд. Падари осмонии мо аз ҳама падару модари заминӣ бохирадтар аст. Худо моро офаридааст, то мо иродаи Ӯро ба амал оварем (Филиппиён 2:13), ва Ӯ барои мо фақат некӣ мехоҳад (Ирмиё 29:11). Фарзанди боақл ҳар рӯз хоҳиш хоҳад дошт, ки иродаи Худоро барои худ фаҳмида гирад ( Эфсӯсиён 5:17). Охир Худо анҷоми корро, пеш аз ин ки он ба охир расида бошад, медонад (Ишаъё 46:10) ва бинобар ин, бар ҳидояти Ӯ таваккал карда, мо хирадмандона рафтор мекунем.

1. Худованд Исои Масеҳ дар Юҳанно 7:17 мегӯяд, ки кас агар хоҳад хости Худоро ба ҷо оварад, метавонад ба ин боварӣ ҳосил кунад. Барояш ошкор хоҳад шуд, ки оё таълими Худованд Исо ҳақиқатан аз Худост ё не. Дар нури ин ҳақиқат мо дар навбати аввал барои чӣ бояд ғамхорӣ кунем?

_______________________________________________

_______________________________________________

2. Мо пеш аз ҳама чиро бояд биҷӯем? (Матто 6:33)

_______________________________________________

_______________________________________________

3. Дар ҷустуҷӯи иродаи Худо қадами аввал чист? (Яъқуб 1:5)

_______________________________________________

_______________________________________________

4. Ваъдаи Худо чӣ гуна аст? (Забур 31:8)

_______________________________________________

_______________________________________________

5. Чӣ тавр мо метавонем дилпур бошем, ки Ӯ моро хоҳад шунид? (1Юҳанно 5:14-15)

___

___

6. Барои фаҳмидани роҳҳо ва усулҳои (принсипҳои) Худо моро ба кӣ муроҷиат кардан лозим аст? (Забур 118:105)

___

___

7. Кӣ моро насиҳат хоҳад кард? (Қӯринтиён 2:12; Юҳанно 14:26; Юҳанно 16:13)

___

___

8. Чаро мо он чиро, ки ба назарамон хирадмандона метобад, ҳамту ба ҷо наоварем? (Ишаъё 55:8)

___

___

9. Дар фаҳмидани ҳидояти Ӯ дар куҷо кӯмак ёфтан мумкин? (Масалҳо 3:5-6)

___

___

10. Дар куҷо воситаҳои дигари тадқиқ намудани роҳи дурустро метавон ёфт? (Масалҳо 11:14; 15:22) Кӣ бояд роҳнамои мо шавад? (Ибриён 13:17)

**Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:**

Дар роҳи пайравии ҳаррӯза ба хости Худо шумо бо кадом монеаҳо вомехӯред?

---

---

Дар сурате ки хоҳишҳои шумо бо маслиҳати Худо мувофиқ намеояд, чӣ бароятон ёрӣ метавонад диҳад, то роҳи дурустро пеш гиред?

---

---

Агар шумо боварӣ надоред, ки мувофиқи иродаи Худо рафтор мекунед, он гоҳ ба чӣ қарор мерасед?

---

---

Ҳиссиёти мо дар масъалаи итоат ба Худо чӣ вазифаеро иҷро мекунанд?

---

---

**Азназаргузаронӣ:** Румиён 10:9; 1Юҳанно 5:13; Матто 28:19; Еҳушаъ ибни Нун 1:8; Матто 7:7; 1Қӯринтиён 10:13; Масалҳо 28:13, Луқо 6:46, Аъмоли ҳавввориён 2:42; 1Юҳанно 5:12; Румиён 8:9

**Аз ёд кунед:** *Масалҳо 3:5-6:* ”Бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо, ва ба хиради худ такя накун; дар ҳамаи роҳҳои худ Ӯро дарк намо (бифаҳм); ва Ӯ роҳҳои туро ҳамвор хоҳад кард”.

**Мундарича**

Муқаддима ........................................................................................ 4
ДАРСИ 1 Чӣ тавр фарзанди Худо метавон шуд .................................... 5
ДАРСИ 2 Боварӣ ба наҷот ...................................................................... 8
ДАРСИ 3 Эътирофи ошкори Исои Масеҳ ............................................ 11
ДАРСИ 4 Мулоқоти ҳаррӯза бо Худо .................................................. 14
ДАРСИ 5 Мактаби дуо ......................................................................... 17
ДАРСИ 6 Зиндагии ғолибонаи масеҳӣ ................................................ 20
ДАРСИ 7 Мушоракати доимӣ бо Падар .............................................. 23
ДАРСИ 8 Итоат ба Худованд ............................................................... 26
ДАРСИ 9 Мушоракат бо фарзандони Худо ........................................ 28
ДАРСИ 10 Чӣ гуна роҳи ҳаёти абадиро ба дигарон нишон бояд дод 20
ДАРСИ 11 Зиндагӣ таҳти роҳбарии Рӯҳи Муқаддас…………………23
ДАРСИ 12 Ба ҷо овардани хости Худо ................................................ 26